MEDIA STATEMENT

UNITED NATIONS
HUMAN RIGHTS
OFFICE OF THE HIGH COMMISSIONER

# Тоҷикистон: Даъвати намояндаи баланпояи СММ ба фазои озод ва кушода барои ҷомеаи шаҳрвандӣ

**ДУШАНБЕ/НЮ-ЙОРК/ЖЕНЕВА (16 маи 2018)** – Ҳукуматҳо дар ҳаёти шаҳрвандони худ мавқеи муҳим доранд, “вале бе шакку шубҳа, онҳо ба хирад монополия надоранд.”

Дар поёни сафари дурузаи худ ба Тоҷикистон, Эндрю Гилмор, Ёвари Дабири кулли СММ оид ба ҳуқуқи инсон барои боз кардани фазо барои ҷомеаи шаҳрвандӣ даъват намуд.

Вай қайд намуд, ки ба ҳомиёни ҳуқуқи инсон, рузноманигорон, адвокатҳо ва дигарон имконият додан зарур аст, то ки кори муҳими худро бе монеаву таҳдид, тафтишоти маъмурии нолозим ва тарси пайгирии қонунӣ иҷро намоянд. Гилмор ҳамчунин аз мақомот боисрор даъват намуд, ки мустақилияти адвокатҳоро, ки дастрасӣ ба адолати судиро тақвият медиҳад, мустаҳкам кунанд.

Бе ҷомеаи шаҳрвандии фаъол ва амалишавии ҳуқуқҳои бунёдӣ, исрор намуд вай, “на амният ва на рушд бадурустӣ пойдор буда наметавонанд – чи хеле ки мо инро дар бисёр ҷойҳо мушоҳида кардаем.”

Дар пасманзари маълумотҳои идомадор оиди шиканҷа, Гилмор аз пешравиҳои охири қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба ин масъала истиқбол намуд. Вай барои бунёди механизми миллии пешгирии шиканҷа ва хотима додан ба ин амалияи мавҷуда, ки онро “ғайриқонунӣ, ғайриахлоқӣ ва бефоида” номид, кумаки техникии Дафтари Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказиро пешниҳод намуд.

Баъди вохурӣ бо намояндагони гуногуни ҷомеаи шахрвандӣ, Гилмор даъват намуд, ки мақомот барои мубориза бурдан бо табъизи густурда алайҳи занон, ҷавонон, шахсони қобилияташон маҳдуд ва намояндагони ҷомеаи ЛГБТИ чораҳои самаранок андешанд. Вай аз бақайдгирии маҷбурии шахсони ЛГБТИ, ки боиси озори минбаъдаи онҳо гардидааст, изҳори нигаронии амиқ кард.

Дар табодули назар бо донишҷуёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гилмор ҳама гуна ақидаи носозгор будани ҳуқуқи инсон ва амниятро рад намуд. Баръакс, исрор намуд вай, ба мисолҳои бисёр аз гушаҳои гуногуни олам истинод намуда, ин “саркубӣ ва ҳамла ба ҳуқуқи ҷомеа аст, ки ногузир боиси таҳрики хашму ғазаб, ифротгароӣ, хушунат ва ноорамӣ мешавад.”

Office of the High Commissioner for Human Rights
Palais des Nations
CH-1211 Geneva 10
Switzerland

www.ohchr.org
Email: press-info@ohchr.org
Tel: +41 22 917 9310
Tel: +41 22 917 9383

Вай ақидаеро, ки гуё ҳуқуқҳои инсон ба арзишҳои “ғарбӣ” асос ёфтаанд, рад намуд ва донишҷуёнро даъват намуд, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро мутолиа намуда бинанд, ки кадоме аз 30 моддаи ин ҳуҷҷат ба онҳо ва орзуҳои онҳо созгор нест.

“Имсол 70-умин солгарди ин ҳуҷҷати бузург аст ва ман шуморо даъват мекунам, ки ҳамавора барои ҳуқуқҳои худ ва дигарон истодагарӣ кунед,” илова намуд вай.

ХОТИМА

*Барои маълумоти бештар лутфан тамос гиред:*

***Дар Ню-Йорк:*** *Фред Кирунги (+1 917 254 3352 / kirungi@un.org)*

***Дар Женева:*** *Лиз Тросселл (+41 22 917 94 66 / ethrossell@ohchr.org) ё Равина Шамдасани (+41 22 917 9169 / rshamdasani@ohchr.org)*

*2018 – ин соли* ***70-умин солгарди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад, ки*** *10 декабри соли 1948 аз тарафи СММ қабул шудааст. Эъломия, ки ба 500 забон тарҷума шудааст ва ин худ рекорди ҷаҳонист, ба принсипе асос меёбад, ки мувофиқи он «тамоми одамон озод ва аз ҷиҳати шаъну шараф ва ҳуқуқҳо баробар ба дунё меоянд». Вай барои ҳама ва ҳамеша муҳим мебошад. Ба муносибати 70-солагии қабули ин ҳуҷҷати муассир ва барои пешгирии заифкунии принсипҳои ҳаётан муҳими он мо ҳамагонро даъват мекунем, ки* ***барои ҳимояи ҳуқуқи инсон бархезанд****: www.standup4humanrights.org.*

**Қайд ва ирсол мекунем - Twitter: @UNHumanRights ва Facebook: unitednationshumanrights**